ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба ҳимояи якдафаъинаи диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.

1. Мавзӯи таҳқиқоти кори диссертатсионии Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида аст, меҳнати мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки дар он масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-амалӣ, методии таҳқиқи аҳамияти маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои онҳо, тартиби воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оварда шудааст.

Аз нуқтаи назари унвонҷӯ дар давоми солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоюли нав дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дучор гардидааст, ки он ба берун кардани муҳоҷирони меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд якчанд тадбирҳо пешбинӣ шудааст, ки таҷассуми онро дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 дидан мумкин аст. Диссертатсия ба муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, аҳамияти маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои он, тартиби воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои онҳо дар раванди рушд, усул механизм ва тартиби воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ масъалаҳои баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи самти муҳоҷират дар рушди кишвар таҷрибаи байналхалқӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварва дигар масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Кори диссертатсионӣ дар

кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, аз ҷониби кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Инчунин дар ҷаласаи васеъи шурои олимони факултети идоракунии давлатӣ баррасӣ гардида ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба шумор рафта, дар он масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва беҳтар гардидани некӯаҳолии шаҳрвандон бо роҳи ҷалби бештар ва истифодаи дурусти маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Мутобиқи таҷрибаи байналхалқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дорад, ки татбиқи идоракунии давлатиро дар самти мазкур ба роҳ монад ва дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷират муваффақ гардад. Кори диссертатсионӣ бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ дар кори диссертатсионӣ собит намуд, ки тамоюли тағйирёбӣ дар ҷараёни интиқоли муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо истифодаи самараноки қувваи корӣ ва рушд зарур аст. Вақте, ки зарурият ба таҳлили мутахасисони баландихтисос дар кишвари қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ вуҷуд дорад, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бастани шартномаҳоро бо мамлакатҳои қабулкунанда оид ба ҷойгиркунии муҳоҷирони меҳнатӣ, музди меҳнат, истифодаи кӯмаки иҷтимоӣ, шароити зист ва ғайра ба анҷом расонад. Дар баробари ин, масъалаи дарьёфти ҷойҳои кориро барои муҳоҷирони меҳнатии баргашта, бояд инфрасохтори самаранокро муҳайё намояд.

4. Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,ба шиносномаи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимояи якдафаъина дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5-мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 9,3 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

6. Дар кори диссертатсионии Мирзоева М.У. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мирзоева М.У. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи бандҳои 60-61-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, инчунин бандҳои 67, 69, 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи якдафаъина қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

1. Азимов Абдумавлон Ҷалилович, профессори Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд, доктори илмҳои иқтисодӣ;

2. Табарзода Орифҷон Сайдалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи якдафаъина минбаъд ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи минтақашиносии
хориҷӣ ва сиёсати берунии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Улмасов Р.У.**

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Шамсов И.С.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Комилов А.Қ.**

12.01.2023